**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 07-уми январи соли 2022, № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар шароити кунунӣ муносибатҳои байналмилалӣ дар ду сатҳ – байналмилалии байниҳукуматӣ ва байналмилалии хусусӣ арзи ҳастӣ менамоянд, ки маҳз охиринҳо объекти бевоситаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор меравaнд. Ҳарчанд муносибатҳои мазкур хусусияти байниҳукуматӣ надошта бошанд ҳам, барои ифодаи онҳо истилоҳи "байналмилалӣ" ба кор бурда мешавад. Аммо, дар ин ҷо истилоҳи "байналмилалӣ" хусусияти шартӣ дорад, зеро ифодакунандаи он аст, ки муносибатҳои мазкур аз ҳадди юрисдиксияи як кишвар берун мебароянд. Бо чунин назардошт, истилоҳи "байналмилалӣ" ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ талқин мегардад. Ҳарчанд муносибатҳои мазкур аз доираи юрисдиксияи як кишвар берун бароянд ҳам ин маънои онро надорад, ки онҳо бидуни танзими ҳуқуқӣ мемонанд, балки зарурати танзими ҳуқуқии онҳо ногузир аст.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2024 зикр мегардад, ки "... моро зарур аст, ки зимни пешбурди сиёсати хориҷӣ

саъю талошамонро дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои расидан ба ҳадафҳои созанда ҷиҳати пойдории сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба тақвият диҳем. Масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодӣ, шаъну шараф ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат мебошанд”.

Дар пасманзари ташаккул ва рушди соҳаҳои гуногуни қонунгузории миллӣ дар радифи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тибқи муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, №100 тасдиқ гардидааст, “муайян намудани вазъи воқеии қонунгузории миллӣ дар таносуб бо раванди инкишофи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва мусоидат ба таъсис додан ва ворид шудан ба ҳамгироиҳои нави иқтисодӣ бо мақсади таъсиси бозори ягона, ҳаракати озодонаи одамон, таҳвили озоди мол, кор ва хизматрасониро ҳамчун механизми меъёрҳои коллизионӣ дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ арзёбӣ намудан имконпазир аст”.

Мусаллам аст, ки қонунгузории кишвар тамоми масоили ҳуқуқии муносибатҳои бавуҷудомадаро бевосита фаро гирифта наметавонад, аз ин рӯ ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ мусоидат мекунад. Ҳолати мазкур мавҷудияти низоми мустаҳками ҳуқуқии меъёриро дар кишвар тақозо менамояд. Дар ин ҷо, асоси танзимкунандаи чунин муносибатҳо бевосита меъёрҳои ба истилоҳ “коллизионӣ” ба шумор мераванд. Вале, татбиқи меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ бо се ҳолат – вазъи ҳуқуқии субъект, объект ва факти ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, такмил ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши амали меъёрҳои танзимкунандаи чунин муносибатҳо ба манфиати кишвар ва шахсони воқеию ҳуқуқии он мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 24 декабри соли 2022, ки фасли 8-и он бевосита ба масоили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дахл дорад, ба мақом ва нақши меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ боз ҳам афзуд ва мазмуну моҳияти онҳоро дар сатҳи сифатан нав ба вуҷуд овард

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти илмии мукаммал дар мавриди

амалияи меъёрҳои коллизионӣ то ҳол вуҷуд надорад, гарчанде ки ҳамкориҳои иқтисодии шаҳрвандон ва ташкилотҳои миллӣ бо ҳамтоёни хориҷӣ пайваста меафзоянд. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи меъёрҳои коллизионӣ бояд бо дарназардошти манфиатҳои миллию иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти амалии иштирокчиёни муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ амалӣ гарданд. Таҳқиқоти анҷомдодашуда, нахустин қадамҳои пажӯҳиш доир ба масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ буда, ҷиҳати ташаккул ва таҳкими соҳаи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, инчунин қонунгузорӣ ва амалияи худии ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидати бевосита намуда метавонад.

Масъалаҳои зерин баррасӣ гардидаанд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ маҳсуб меёбанд: дар диссертатсия мафҳум ва таснифоти меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо дарназардошти нуктаҳои назари илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд; мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтани хусусиятҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун заминаи илмии масъалаи мазкур матраҳ гардидааст; инкишофи меъёрҳои коллизионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шуда, махсусияти онҳо амиқан муайян гардидааст; ҳамчунин масъалаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ашёӣ бо унсури хориҷӣ, амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ, амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ ва амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими уҳдадориҳои ғайришартномавӣ бо унсури хориҷӣ ба таври илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки ҷузъи муҳими таҳқиқотро ташкил медиҳанд; инчунин амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ ва амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ ҷузъҳои дигари меҳварии таҳуқиқотро ташкил додаанд, ки доир ба ҳар як масъалаҳои таҳқиқшаванда, нуктаҳои назари илмӣ ва амалӣ пешкаш карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокгунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Диссертант мазкур ҳамчун таҳқиқоти мукаммали комплексӣ масъалаҳои асосии

танзими ҳуқуқии муносибатҳои дорои унсури хориҷиро фаро гирифта, хусусиятҳои татбиқи меъёрҳои коллизионӣ дар низоми ҳуқуқии миллӣ, ҳамчунин таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор додааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисолаи илмии Исматзода Исматулло аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 183 саҳифаро дар бар мегирад.

Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Дар боби якум **«Мафҳум, таснифот ва хусусиятҳои амали меъёрҳои коллизионӣ»**, ки аз се зербоб иборат мебошад, масъалаҳои мафҳум ва таснифоти меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, хусусиятҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва инкишофи меъёрҳои коллизионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст.

Аз ҷумла, муаллиф дар боби мазкур қайд менамояд, ки меъёрҳои коллизионӣ, бар хилофи қоидаҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ, як қатор хусусиятҳои хоси худро доранд: пеш аз ҳама, онҳо мустақиман ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқиро муайян намекунанд, балки танҳо ҳамчун восита барои интихоб ва татбиқи ҳуқуқи қобили амал хизмат менамоянд; илова бар ин, чунин меъёрҳо бо он фарқ мекунанд, ки бо истинод ба қоидаҳои моддӣ-ҳуқуқӣ тартиби танзими муносибатҳоро муайян месозанд; онҳо дорои табиати истинодкунанда буда, ҳамчун категорияи махсус ва яке аз унсурҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф мегарданд; “коллизия”-ро маҳз дар байни низоми ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи хориҷӣ бартараф менамоянд, коллизияе, ки байни ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ба вуҷуд меояд, бо назардошти бартарияти меъёрҳои байналмилалӣ ҳал карда мешавад. (саҳифаҳои 29 диссертатсия)

Муаллиф дар доираи боби мазкур баён медорад, ки меъёри коллизионӣ метавонад муқарраротро оид ба интихоби ҳуқуқ муқаррар намояд, вале ба тарафҳо имконияти бо амали худ интихоб намудани ҳуқуқро дар танзими муносибати хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ пешниҳод менамояд. Меъёрҳои уҳдадоркунанда уҳдадории иҷрои амалҳои фаъолро нисбати шахси муайян мустаҳкам карда, дар шакли иҷрокунӣ амалӣ карда мешаванд. Иҷро накардан ё иҷрои номатлуб ҷавобгарии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Меъёрҳои манъкунанда дар аксари мавридҳо дар шакли ғайрифаъол амалӣ карда мешавад. Субъект дар ин ҷо низ уҳдадорӣ иҷро менамояд, вале бо хусусияти дигар ӯ бояд аз амалҳои манъшуда худдорӣ намояд ва истисно танҳо меъёрҳое мебошанд, ки ҷавобгариро барои беамалӣ муқаррар менамояд. Дар ин маврид амалигардонӣ дар шакли риоякунӣ сурат мегирад. Чунончи меъёрҳои коллизионии дар қ. 1 м. 1335 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зайл оварда шудааст: «Ба шартномаи таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён ҳуқуқе татбиқ карда мешавад, ки дар он ҷо шахси ҳуқуқӣ таъсис ва тасдиқ шудааст». (саҳифаи 33 диссертатсия)

Дар ин қисмат таъкид мегардад, ки муайян намудани масъалаи амали меъёрҳои коллизионӣ аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад, зеро дар мавриди муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ҳамеша масъалаи коллизионӣ ба вуҷуд меоянд: кадоме аз меъёрҳои бо ҳам бархӯрандаи ду кишвар бояд татбиқ карда шавад. Қонуни кишвари суд, ки дар он баҳс баррасӣ карда мешавад, ё қонуни давлате, ки ба он унсури хориҷӣ дар ҳолати баррасишаванда тааллуқ дорад. Дар ҳолати мазкур аҳаммияти ҳалкунандаро маҳз меъёрҳои коллизионӣ доранд, зеро бо ёрии онҳо меъёри татбиқшаванда муайян карда мешавад. Мувофиқан аҳаммияти меъёрҳои коллизионӣ на дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки дар муайян кардани меъёрҳои мушаххаси моддӣ-ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки қоидаҳои ҳалли парвандаи дахлдорро пешбинӣ мекунанд. (саҳифаи 36 диссертатсия)

Дар боби дуюми таҳқиқот **«Проблемаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мавриди таҳлил қарор гирифта, аз чор зербоб иборат мебошад. Дар доираи ин боб таҳлили муфассали амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ашёӣ, дар танзими муносибатҳои

мероси̣, дар танзими муносибатҳои шартномави̣ ва дар танзими уҳдадориҳои ғайришартномави̣ бо унсури хориҷи̣ гузаронида шудааст.

Тибқи нуктаи назари муаллиф масоили амали меъёрҳои коллизиони̣ дар муносибатҳои молумулки̣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо қоидаҳои ягонаи коллизиони̣ оид ба реҷаи моликият мавҷуд аст, танзим гардидааст. Тибқи моддаи 11 Созишнома дар бораи тартиби баррасии баҳсҳо марбут ба фаъолияти хоҷагидори̣ аз соли 1992 муайян шудааст, ки ба муносибатҳои аз ҳуқуқи моликияти̣ бароянда, қонуни маҳали ҷойгиршавии амвол татбиқ карда мешавад. (саҳифаи 84 диссертатсия)

Дар идомаи ин боб муаллиф иброз медорад, ки ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти̣ ва дигар ҳуқуқҳои ашёи̣ бо ёрии даъвоҳои виндикатсиони̣ ва негатори̣ амали̣ карда мешавад. Виндикатсиони̣ – даъвои соҳибмулк дар бораи талаби моликияти худ аз соҳибии ғайриқонунии ғайрисоҳибмулк мебошад. Негатори̣ – даъво дар бораи бартараф кардани монеаҳо ба соҳибмулк дар амалигардонии ваколатҳои истифодабари̣ ва ихтиёрдории моликият ва даъво дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият мебошад. Дар низоми ҳуқуқии бисёр кишварҳо, аз ҷумла романо-олмони̣ барои ҳимояи ҳуқуқи моликият ин намуди даъвоҳо истифода бурда мешаванд. (саҳифаи 85 диссертатсия)

Боби сеюми диссертатсия **«Проблемаҳои амали меъёрҳои коллизиони̣ дар танзими муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқи байналмилалии хусуси̣»** ном дошта, ки ду зербобро дар бар гирифта, амали меъёрҳои коллизиони̣ дар танзими муносибатҳои оилави̣ бо унсури хориҷи̣ ва амали меъёрҳои коллизиони̣ дар танзими муносибатҳои меҳнати̣ бо унсури хориҷиро дар бар мегирад.

Зикр гардидааст, ки дар қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамсарон имконият додааст, ки мустақилона ҳуқуқҳои амволи̣ ва уҳдадориҳои худро аз лиҳози ҳуқуқи̣ дар давраи заношӯи̣ ва ё дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян намоянд. Дар аҳдномаи никоҳ ҳамсарон метавонанд ба таври дахлдор ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкии худ ноил гарданд. Дар асоси муқаррароти қ. 1-и м. 42-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон "ҳамсарон ҳуқуқ доранд, ки бо аҳдномаи никоҳ низоми моликияти муштараки ба амволи умуми̣ муқаррарнамудаи қонунро тағйир дода, низоми моликияти саҳмиро ба тамоми амволи дар давоми ақди никоҳ ҷамъовардаашон ё ба

намудҳои алоҳидаи он ё худ ҳама гуна низоми амволи умумиашонро, ки ба ҳар яки онҳо тааллуқ дорад, муқаррар намоянд”. (саҳифаи 137 диссертатсия)

Инчунин, имконпазирии бекор намудани никоҳ дар кишварҳои алоҳида ба таври гуногун ҳал карда мешавад. Вобаста ба ин дар кишварҳои ҷаҳон чор равиш вуҷуд дорад. Якум, дар як қатор кишварҳо (Испания, Ирландия, Аргентина, Колумбия) қатъи ақди никоҳ манъ аст. Дуюм, дар баъзе кишварҳо ба монанди Италия бекор намудани ақди никоҳ танҳо дар мавриди мавҷуд будани асосҳои муайяни қатъӣ, ки ба чунин асосҳо розигии тарафайни ҳамсарон дохил намешавад, иҷозат дода мешавад. Сеюм, бекор намудани ақди никоҳ ҳангоми мавҷуд будани шартҳо ва асосҳои қонунӣ, аз ҷумла бо розигии мутақобилаи ҳамсарон дар Олмон, Англия, Едератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. иҷозат дода мешавад. Чорум, дар кишварҳои исломӣ нақши ҳалкунандаро дар қатъ намудани ақди никоҳ мард соҳиб аст. Ин маънои онро дорад, ки қатъи ақди никоҳ танҳо бо ташаббуси мард сурат мегирад ва мувофиқан масоили танзимнамоии муносибатҳои мазкур бо қонуни кишваре, ки мард шаҳрвандии онро дорад, ҳал карда мешавад». (саҳифаи 140-141 диссертатсия)

Хулоса аз 10 банди аҳаммияти назариявӣ дошта ва 7 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ тавсияҳои илмӣ манзур гардида, инчунин ҷиҳати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот манзур карда шудааст. Аз ҷумла, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати мукаммал намудани муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати пешбинӣ намудани боби алоҳида бо номи “Амал ва татбиқи меъёрҳои коллизионӣ”, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (сархати 3 қисми 2 моддаи 9), Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 3 моддаи 1334), Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1 моддаи 1337), Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 4 моддаи 1340) ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 3 моддаи 171) манзур шудааст. Хулосаҳои таҳқиқот

заминаи назариявию амалиро барои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи мазкур фароҳам оварда ва ба беҳтар шудани сатҳи амалишавии қонунгузории маданӣ мусоидат намуда метавонанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва ҳуқуқи маданӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд.

Инчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия асоснокшуда метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ истифода бурда шаванд. Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди таҳқиқот масъалаҳои назариявии татбиқи меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор дода шудаанд. Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки такмили механизми татбиқи меъёрҳои коллизионӣ ба рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мусоидат менамояд. Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ба ҳифзи самараноки ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон мусоидат менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба таъмини ҳалли одилона ва самараноки баҳсҳои ҳуқуқии дорои унсури хориҷӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ба низоми ҳуқуқӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалии хусусӣ мусоидат мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 9 мақолаи илмӣ, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, иборат мебошад.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳои зеринро метавон баён намуд:

1. Муаллиф дар рисолаи таҳқиқнамудаи хеш таҳлили пайдарҳамӣ оид ба амали меъёрҳои коллизионӣ нисбат ба вазъи ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва объектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро анҷом надодааст. Зеро, амали меъёрҳои коллизионӣ ба субъект ва объект дар муносибатҳои фаромарзӣ гуногун роҳандозӣ мегардад.

2. Оид ба ҳолатҳои қатъ ва маҳдуд кардани амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқот таваҷҷӯҳ нашудааст.

3. Амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии маданӣ, оилавӣ ва меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ шудааст, вале умумияту фарқияти онҳо нишон дода нашудааст.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими

муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
сардори раёсати ташкили кори судҳои
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Додозода А.М.**

«17» 04 соли 2026

«Имзои н.и.ҳ., Додозода А.М.-ро
тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Исозода Д.О.**

«17» 04 соли 2026

СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи мақомот:**
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко 55,
Тел: +992 (37) 221-13-96;
Факс: +992 (37) 221-13-96
E-mail: info@sud.tj
Сомонаи расмӣ: https://sud.tj/